Қарордоди №540565

дар бораи лоиҳакашии иншооти соҳаи маориф

аз «16» июли соли 2025 ш.Душанбе

Аз як тараф Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд «Фармоишгар») суроғa: шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад 13А, номида мешавад дар симои сардори раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Б. Файзуллозода, дар асоси Низомнома фаъолият мекунд аз тарафи дигар Ҷаъмияти дорои масъулияташ маҳдуди «Абрис», (минбаъд «иҷрокунанда») суроғa шаҳри Душанбе кӯчаи Н.Муҳаммад 9/26 дар симои директор А.Эшонов ки дар асоси Оиннома фаъолият менамояд дар хусуси зерин ба мувофиқа омаданд:

Қисми I. Муқаррароти умумии қарордод.

Ташкилоти харидор бо воситаи комиссияи озмунӣ дар бораи хизматрасонӣ озмун эълон намуда таклифи хизматрасонро барои хизматҳои зерин қабул намуд: лоиҳакашии муасисаҳои таълимӣ, аз ҷумла:

№	Номгӯи кор	Суроғa
1.	Лоиҳакашии сохтмони бинои муассисаи таълимии №40 барои 72 ҷойи нишаст дар деҳаи Бопассори ноҳияи Рушон	деҳаи Бопассори ноҳияи Рушон

Бо баҳисобгирии ҳаққи хизмати лоиҳакашии иншооти соҳаи маориф, ки дар боло нишон дода шудааст ташкилоти харидор ба маблағи 47020 (Чилу ҳафт ҳазору бист) сомонӣ, ки арзиши қарордод ҳисобида мешавад пардохт менамояд.

Қарордод мазкур дар хусуси зерин шаҳодат медиҳад:

1. Дар қарордод мазкур истилоҳ ва калимаҳо бо калимаҳои дар шартҳои қарордод омада ҳаммаъноянд.
2. Ҳуҷҷатҳои зерин қарордод мазкурро ташкил дода ва қисми ҷудонашавандаи он мебошанд, махсусан:
а) Муқаррароти умумии қарордод мазкур,
б) Қоидаҳои умумии қарордод,
в) Қоидаҳои махсуси қарордод.

3. Бо баҳисобгирии пардохт, ки ташкилоти харидор бояд ба хизматрасон пардохт намояд чихеле, ки дар поён нишон дода шудааст хизматрасон бо ташкилоти харидор дар хусуси расонидани мол, кор ва хизматҳои иловагӣ инчунин товони нуқсони пайдогардидаро пурра пардохт менамояд.

4. Ташкилоти харидор ба хизматрасон бо баҳисобгирии расонидани мол, кор ва хизматҳои иловагӣ арзиши қарордодро дар муҳлати муқаррарнамудаи қарордод ба маълумоти (реквизити) зерини бонкии хизматрасон пардохт менамояд:

С/ҳ 20202972303000000007 ҶСП ТАҚҲ «Имонинтернешнл» шаҳри Хуҷанд х/к 20402972958761, МФО 350101876, ИНН 040032976

Қисми II. Шартҳои умумии шартнома.

Маълумотҳои шартҳои умумии қарордод намунавӣ мебошанд. Бояд ба шартҳои умумӣ ягон хел тағйирот дароварда нашавад. Ташкилоти харидор ба шартҳои умумии қарордод танҳо дар ҳолатҳои махсус метавонад тағйирот ва ё илова ворид намояд. Ҳамагуна тағйирот ва ё илова бояд ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат кунад.

1. **Муқаррарот** Дар қарордод мазкур истилоҳҳои зерин чунин фаҳмида мешаванд:

а) «Қарордод»- мувофиқаи ба даст омадаи байни ташкилоти харидор ва хизматрасон, ки ба шакл дароварда шуда, тарафҳо имзо гузошта дорои замима, иловаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар қарордод нишон дода шудааст мебошад.

б) «Арзиши қарордод»- маънои арзишеро дорад, ки бояд дар доираи қарордод барои иҷрои ҳаммаи ӯҳдадориҳои шартнома ба хизматрасон пардохт карда шавад.

в) «Хизматрасон»- шахси ҳуқуқӣ ва ё воқеие, ки дар доираи талаботи қарордод ӯҳдадориашро таъмин менамоянд.

2. Ба таъхир андохтани иҷроиши шартнома аз тарафи хизматрасон.

2.1. Расонидани мол ва пешниҳоди хизмат аз тарафи хизматрасон бояд мувофиқи ҷадвали дар рӯйхати нарҳҳо буда сурат гирад.

2.2. Батаъхирандозии иҷроиши хизматрасонӣ аз тарафи хизматрасон метавонад ба чунин қарор нисбати ӯ оварда расонад:

а) Бекор кардани шартнома бо нигоҳ доштани кафолати таъмини иҷроиши қарордод.

б) Ба ташкилоти харидор пардохт намудани ҷаримаи аҳдшиканӣ.

2.3 Агар дар давоми иҷроиши қарордод хизматрасонӣ ё пудратчии ғайриасосӣ ҳар лаҳза ба шароите бархуранд, ки иҷроиши қарордодро халалдор намоянд, хизматрасон бояд зуд ташкилоти харидорро ба таври хаттӣ аз таъхирандозӣ, сабаб ва давомнокии он огоҳ намояд. Баъди гирифтани хабарномаи хаттӣ аз хизматрасон, ташкилоти харидор бояд ба вазъияти баамаломада баҳогузорӣ карда муҳлати иҷрои қарордодро дароз намояд. Дар чунин вазъият дарозкунии муҳлати қарордод дар бораи даровардани тағйирот ба қарордод сурат мегирад.

3. Товони зарар.

3.1. Ғайр аз ҳоллатҳои фавқулода ва ногувор (форс-мажор) агар хизматрасон дар муҳлати дар шартнома нишондодашуда ӯҳдадориро иҷро накунад, ташкилоти харидор дар доираи қарордод метавонад хизматрасонро барои ҳар як рӯзи таъхир ба андозаи 0,1% аз маблағи умумии қарордод ҷаримаи аҳдшиканӣ бандад.

4. Бекор кардани шартнома бинобар сабаби иҷро накардани талаботҳои он.

4.1. Барои вайрон кардани талаботҳои қарордод ташкилоти харидор метавонад қарордод мазкурро қисман ва ё пурра бекор намуда, хизматрасонро ба таври хаттӣ оиди иҷро накардани ӯҳдадориҳояш хабардор намояд: а) Агар хизматрасон натавонад қисман ва ё пурра ӯҳдадориро дар мӯҳлати дар қарордод нишондодашуда ва ё мӯҳлати дарозкардашудаи қарордод расонад. б). Агар хизматрасон ягон ӯҳдадории дигари қарордодвиашро иҷро карда натавонад.

5. Ҳолати фавқулода ва ногувор (форс-мажор).

5.1. Дар сурати ба амал омадани вазъияти ҳолати фавқулодда ва ногувор (форс-мажор), ки хизматрасон аз ӯҳдаи иҷрои шартҳои қарордод баромада наметавонад, хизматрасон аз кафолати таъминии худ маҳрум карда намешавад, ҷарима намесупорад, қарордодаш бекор карда намешавад.

5.2. «Форс-мажор»- ҳодисаеро меноманд, ки назорати он аз тарафи хизматрасон номумкин буда характери ғайричашмдошт дорад. Ба он дохил мешавад: ҷанг, инқилоб, ҳодисаҳои табии, эпидемия, карантин.

5.3. Дар сурати ба амал омадани вазъияти ҳолати фавқулодда ва ногувор (форс-мажор), хизматрасон вазифадор аст фавран ташкилоти харидорро оиди вазъият ва сабабҳои баамаломада ба таври хаттӣ огоҳ намояд. Агар аз тарафи ташкилоти харидор ягон дастури хаттӣ ворид нагардад, хизматрасон бо дарёфт намудани роҳ ва усулҳои аз ҳолати фавқулодда ва ногувор (форс-мажор) вобастана буда иҷроиши ӯҳдадориҳои қарордодвиашро давом медиҳад.

6. Бекор кардани қарордод бо мақсади бефоида (номатлуб) будан.

6.1. Баъд аз гузашти се моҳ аз лаҳзаи мавриди амал қарор гирифтани қарордод ташкилоти харидор дар ҳар лаҳза метавонад, қарордодро қисман ва ё пурра бо мақсади бе фоида будани иҷроиши минбаъдааш бекор намояд ва оид ба ин хизматрасонро ба таври хаттӣ хабардор менамояд. Дар хабарнома бояд сабаби бекор кардани қарордод, ҳаҷми уҳдадориҳои бекоргашта ва рӯзи мавриди амал қарор гирифтани бекоркунии қарордод нишон дода шавад.

6.2. Вақте, ки шартнома бо чунин тарз бекор мегардад хизматрасон ҳуқуқ дорад танҳо он хароҷотҳои воқеиеро, ки то бекор кардани қарордод вобаста ба иҷроиши уҳдадориҳои қарордод хароҷот намудааст талаб намояд.

7. Ҳалли масъалаҳои баҳснок.

7.1. Ташкилоти харидор ва хизматрасон ҳаммаи чораҳоро меандешанд, ки баҳсҳо ва гуногунфикриро оид ба иҷроиши уҳдадориҳои қарордод бо роҳи сулҳомез ҳал намоянд.

7.2. Агар баъди гузаши 21 рӯз аз рӯзи саршавии гуфтушунид оид ба ҳалли баҳсҳо тарафҳо баҳсҳоро бо роҳи сулҳомез ҳал када натавонанд, онҳо ҳуқуқ доранд талаб намоянд, ки баҳс мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл гардад.

8. Ҳуқуқи мувофиқ.

8.1. Қарордод бояд чунин тартиб ва шарҳ дода шуда бошад, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат кунад.

9. Огоҳинома (хабарнома).

9.1. Ҳар як хабарномае, ки мувофиқи қарордод як тараф ба тарафи дигар мефиристад бояд дар шакли мактуб, телеграмма, телефон ё факс (минбаъд пешниҳод намудани нусхаи аслии он) бошад.

9.2. Хабарнома аз лаҳзаи дастрас шудан ва ё санаи дар он нишондодашуда (агар нишон дода шуда бошад) мавриди амал қарор мегирад.

Қисми III. Шартҳои махсуси қарордод:

Мамлакати иҷроиши хизматрасонӣ:	Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муҳлати кафолат:	Стандарти давлатӣ
Усули расонидан:	То Вазорати маориф ва илм, Раёсати сохтмони асосӣ
Шакли пардохт:	Ғайринақдӣ (гузаронидан ба с/ҳ)

Мӯҳлати пардохт:	50% маблағ пешпардохт гардида боқимонда вобаста ба иҷрои корҳо ё ин ки баъди қабули хизматрасонӣ дар давоми 10 (даҳ) рӯзи бонкӣ.
Ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои пардохт	Шартномаи хизматрасонӣ (счёт фактура), санади кори иҷрошуда
маблаги пардохт:	Асъори миллии ҶТ (сомонӣ)

Муҳлати амали қарордод маблаги ҷарима барои сари вақт нарасонидани мол ва пардохт то иҷрои ухдадориҳои тарафҳо. Дар ҳолати иҷро нагардидани ухдадориҳои қарордод то рӯзи муқарраргардида «Ташкилоти харидор» ба «Хизматрасон» ба андозаи 0,1% аз нархи қарордод барои ҳар як рӯзи дермонӣ ҷарима пардохт менамояд.

Забони қарордод: Тоҷикӣ.

Таъмини кафолати қарордод: Талаб карда мешавад.

Муҳлати талаби хизматрасонӣ: 240 (дусаду чил) рӯз.

Бо тасдиқи гуфтаҳои боло тарафҳо мувофиқ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи дар авали ҳуҷҷат нишондодашуда қарордоди мазкурро ба расмият даровардand.

Ташкилоти харидор :

Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илм

имзо

имзо

Файзуллозода Бахтовар

Вазифа: Сардор

Хизматрасон:

Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Абрис»

Эшонов Абдуворис.

Вазифа: Директор

Замимаи№1
ба қарордоди №540565 аз 16 июли соли 2025

№	Номгӯ ва макони иншоот	Нархи пешниҳодшуда (сомонӣ)
1.	Лоиҳакашии сохтмони бинои муассисаи таълимии №40 барои 72 ҷойи нишаст дар деҳаи Бопассори ноҳияи Рушон	47020,00

Ташкилоти харидор :

Раёсати сохтмони асосии
назди Вазорати маориф ва илм

имзо_____
Файзуллозода Бахтовар
Вазифа: Сардор

Хизматрасон:

Ҷамъияти дорои
масъулияташ маҳдуди
«Абрис»

имзо_____
Эшонов Абдуворис.
Вазифа: Директор